# ХУЛОСАИ КОМИССИЯИ ЭКСПЕРТИИ

шурои диссертатсионии 6D.КОА-091 назди Донишгоҳи техникии Тоҷикистон ба номи академик М.С. Осимӣ ба диссертатсияи Раҷабзода Гуландом Раҷаб дар мавзӯи “Таъсири ҷараёни нақлиёти автомобилӣ ба ҳолати ҳавои атмосфераи шаҳри Душанбе” барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои техникӣ аз рӯйи ихтисоси 2.9. Бехатарии фаъолияти инсон ва ҳифзи муҳити зист (2.9.6. Экология)

**23 июни соли 2026** **ш. Душанбе**

Комиссияи экспертии шурои диссертатсионии 6D.КОА-091 назди Донишгоҳи техникии Тоҷикистон ба номи академик М.С. Осимӣ дар ҳайати зерин: раис, доктори илмҳои физика – математика, профессор Абдуллозода С.Ф. ва аъзоёни комиссия – доктори илмҳои техникӣ, дотсент Саидализода А.С. ва доктори фалсафа (PhD), дотсент Ҷурахонзода Р.Ҷ., ки бо қарори шурои диссертатсионии 6D.КОА-091 (протоколи №10 аз 03.06. с. 2026) мувофиқи талаботи фасли 4-уми Низомномаи намунавӣ оид ба шурои диссертатсионӣ (Қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30 июни соли 2021, таҳти №267, бо назардошти тағийру иловаҳо аз 26 июни соли 2023, таҳти №295) ташкил карда шуд.

Комиссияи экспертӣ дар асоси шинос шудан ба диссертатсия Раҷабзода Г.Р. дар мавзӯи “Таъсири ҷараёни нақлиёти автомобилӣ ба ҳолати ҳавои атмосфераи шаҳри Душанбе” барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои техникӣ аз рӯйи ихтисоси 2.9. Бехатарии фаъолияти инсон ва ҳифзи муҳити зист (2.9.6. Экология) ва муҳокимаи он чунин хулоса қабул намуд:

- диссертатсияи номзадии Раҷабзода Г.Р. дар мавзӯи “Таъсири ҷараёни нақлиёти автомобилӣ ба ҳолати ҳавои атмосфераи шаҳри Душанбе” барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои техникӣ аз рӯйи ихтисоси 2.9. Бехатарии фаъолияти инсон ва ҳифзи муҳити зист (2.9.6. Экология) мубрам ва рузмарра буда, таҳқиқоти илмии ба итмомрасида ҳисобида мешавад;
- кори диссертатсиони ба мушкилоти арзёбии ифлосшавии ҳаво аз партовҳои газии (CO, $NO_2$ ва $SO_2$) воситаҳои нақлиёти автомобилӣ ва роҳҳои ҳалли имконпазир бахшида шуда, шумораи ҷараёни ҳаракати нақлиёти автомобилӣ ва таъсири он ба сатҳи ифлосшавии ҳавои атмосфера дар калонтарин хиёбонҳои ш. Душанбе (хиёбонҳои Н. Қарабоев, А. Сино, И. Сомонӣ ва С. Шерозӣ) таҳлил карда шудааст. Инчунин, дар кори илмӣ чорабиниҳои коҳиш додани партовҳои нақлиёти автомобилӣ барои беҳтар кардани сифати ҳавои атмосфера таҳия шудаанд;
- натиҷаҳои диссертатсия дар мавзӯи интихобшуда ба самтҳои афзалиятноки илм, ки дар Стратегияи рушди иқтисоди «сабз» дар Ҷумҳурии Тоҷикистон барои солҳои 2023-2037 (Қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30 сентябри соли 2022, № 482) ва Барномаи рушди нақлиёти барқӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон барои солҳои 2023-2028 (Қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 31 октябри соли 2022, № 532) оварда шудааст, мувофиқат мекунад;
- мавзӯи диссертатсия ба сархати 3-и шиносномаи ихтисоси 2.9.6. Экология дар соҳаи нақлиёт, аз ҷумла: бандҳои. 3.1 «Арзёбии ҳамаҷонибаи таъсири

(Қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 31 октябри соли 2022, № 532) оварда шудааст, мувофиқат мекунад;

- мавзӯи диссертатсия ба сархати 3-и шиносномаи ихтисоси 2.9.6. Экология дар соҳаи нақлиёт, аз ҷумла: бандҳои. 3.1 «Арзёбии ҳамаҷонибаи таъсири воситаҳои нақлиётӣ ва системаҳои нақлиёт (аз ҷумла марҳилаи сохтмон) ба экосистемаҳои табиӣ дар сатҳҳои гуногун»; 3.2. «Омӯзиши ифлосшавии ҷузъҳои муҳити зист (об, хок, ҳаво, растаниҳо) аз ҷониби воситаҳои нақлиёт ва воситаҳои техникии нақлиёт бо мақсади таҳияи меъёру стандартҳои аз ҷиҳати экологӣ асоснок оид ба паст ва ё бартараф намудани таъсири фаъолияти нақлиётӣ ба муҳити зист» ва банди 3.8 «Ташаккул ва такмил додани системаи мониторингӣ экологӣ дар нақлиёт» мутобиқат мекунад;

- саҳми шахсии муаллиф дар ҷамъоварӣ ва таҳлили адабиёти соҳавӣ, иҷрои вазифаҳои гузошташуда ва таҳлилҳои эксперименталии озмоишӣ, таҳлили натиҷаҳои бадастовардашуда, ҷамъбасти мазмуни асосӣ ва таҳияи диссертатсия ва мақолаҳои илмӣ мебошад. Ҳамаи таҳлилу ҳисобҳои пешниҳодшуда ва маълумотҳои таҳқиқоти саҳроӣ оид ба муайян кардани консентратсияи партовҳои ифлоскунанда ба ҳавои атмосфера аз таъсири ҷараёни нақлиёти автомобилӣ дар хиёбонҳои таҳқиқшуда аз ҷониби муаллиф ба даст оварда шудаст;

- унвонҷӯ Раҷабзода Г.Р. дар асоси таҳиқотҳои гузаронидашуда 13 мақолаи илмӣ, аз ҷумла 9 мақола дар маҷаллаҳои аз ҷониби Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон тавсияшуда ба нашр расонидааст. Дар конфронсҳои илмии байналмилалӣ ва ҷумҳуриявӣ 4 тезисҳои маърӯзаҳо пешниҳод карда шуданд. Як нахустпатенти Ҷумҳурии Тоҷикистон дар барои ихтироъкорӣ низ дарёфт шудааст, ки татбиқи амалии он бо ду санади аз ҷониби ККВД "Автобус-1" додашуда тасдиқ карда мешавад. Нашри натиҷаҳои асосии диссертатсия пурра ба талаботҳои Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ҷавобгу мебошад;

- эътимоднокии натиҷаҳо бо ҳаҷми зиёди корҳои таҳқиқоти тавассути истифодабарии дастуру меъёрҳои соҳавӣ, истофадабарии асбоби муосири сайёри лаборатории ГАНК-4 ва натиҷаи қиматҳои коэффитсиентҳои коррелятсия байни арзишҳои таҷрибавии консентратсияи моддаҳои ифлоскунанда ба даст овардашуда асоснок карда мешавад;

- комиссияи экспертӣ пешниҳод мекунад, ки диссертатсия ба шурои диссертатсионии 6DKOA-091 назди Донишгоҳи техникии Тоҷикистон ба номи академик М.С. Осимӣ қабул карда шавад.

Таҳлили диссертатсияи унвонҷӯ Раҷабзода Г.Р. нишон дод, ки корҳои таҳқиқоти дар сатҳи хуби илмӣ анҷом дода шуда, баъзе камбудиҳо дида мешавад: 1. Дар таҳқиқотии илмӣ, фақат таҳлилҳои ихроҷшавии газҳои $CO_2$, $NO_2$, ва $SO_2$ аз ҷараёни нақлиёти автомобилӣ ба ҳавои атмосфера баҳо дода шудааст. Агар таъсири дигар газҳои ихроҷшаванда: дуда, бензопирен, карбогидридҳо ва ғайра ба ҳавои атмосфера мавриди

Камбудиҳои дар боло пешниҳодшуда хусусияти тавсиявӣ дошта, ба кори илмӣ ва арзиши амалии диссертатсияи унвонҷӯ Раҷабзода Г.Р. таъсири манфӣ намерасонад. Мақсад ва вазифаҳои диссертатсия амалан иҷро гардида, тавсияҳои пешниҳодгардида аз назари илмӣ асоснок шудаанд. Инчунин, кори илмии унвонҷӯ Раҷабзода Г.Р. ба масъалаҳои мубрами муосири илмӣ экологӣ бахшида шуда, таҳқиқоти анҷомёфта ба ҳисоб меравад.

Комиссияи экспертӣ ба ҳайси муқарризони расмӣ ва муассисаи пешбар, пешниҳод менамояд:

- **Тиллозода Ҳаким Иброгим** – доктори илмҳои техникӣ, дотсент, мудири сектори илмӣ-таҳқиқотии Филиали Агентии амнияти химиявӣ, биологӣ, радиатсионӣ ва ядроии Академияи миллии илмҳои Тоҷикистон дар вилояти Суғд;
- **Даниярова Фарзона Илҳомҷоновна** – номзади илмҳои техникӣ, дотсент, мудири кафедраи сайёҳӣ ва хизматрасонии Донишгоҳи славянии Русияву Тоҷикистон.
- ба сифати муассисаи пешбар **Донишгоҳи миллии Тоҷикистон** тавсия дода шавад.
- комиссияи эксперти барои ҷойгир намудани эълони ҳимоя, матни диссертатсия ва автореферат дар сомонаи Донишгоҳи техникии Тоҷикистон ба номи академик М.С. Осимӣ ва Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон иҷозат медиҳад;
- барои чопи автореферат бо ҳуқуқи дастнавис (100) ва ирсол намудани он ба суроғаҳои таъиншуда иҷозат дода мешавад.

Комиссияи экспертӣ диссертатсияи Раҷабзода Гуландом Раҷабро дар мавзӯи "Таъсири ҷараёни нақлиёти автомобилӣ ба ҳолати ҳавои атмосфераи шаҳри Душанбе" барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои техникӣ аз рӯйи ихтисоси 2.9. Бехатарии фаъолияти инсон ва ҳифзи муҳити зист (2.9.6. Экология) таҳлил ва баррасӣ намуда, дар асоси банди 60-и Тартиби додани дараҷаи илмӣ

## ҚАРОР КАРД:

1. Диссертатсияи Раҷабзода Гуландом Раҷаб дар мавзӯи "Таъсири ҷараёни нақлиёти автомобилӣ ба ҳолати ҳавои атмосфераи шаҳри Душанбе" барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои техникӣ аз рӯйи ихтисоси 2.9. Бехатарии фаъолияти инсон ва ҳифзи муҳити зист (2.9.6. Экология), дар Шурои диссертатсионии 6D.КОА-091 назди Донишгоҳи техникии Тоҷикистон ба номи академик М.С. Осимӣ ба ҳимоя қабул карда шавад.
2. Комиссияи экспертӣ муҳақиқони зеринро, ки корҳои илмӣ-тадқиқиашон, ба ихтисоси 2.9. Бехатарии фаъолияти инсон ва ҳифзи муҳити зист (2.9.6. Экология) мувофиқат доранд ба ҳайси муқарризони расмӣ пешниҳод менамояд:
   - **Тиллозода Ҳаким Иброгим** – доктори илмҳои техникӣ, дотсент, мудири сектори илмӣ-таҳқиқотии Филиали Агентии амнияти химиявӣ, биологӣ, радиатсионӣ ва ядроии Академияи миллии илмҳои Тоҷикистон дар вилояти Суғд;
   - **Даниярова Фарзона Илҳомҷоновна** – номзади илмҳои техникӣ, дотсент, мудири кафедраи сайёҳӣ ва хизматрасонии Донишгоҳи славянии Русияву Тоҷикистон.
3. Ба сифати муассисаи пешбар **Донишгоҳи миллии Тоҷикистон** тавсия дода шавад.

назди Донишгоҳи техникии Тоҷикистон ба номи академик М.С. Осимӣ ба ҳимоя қабул карда шавад.

2. Комиссияи экспертӣ муҳақиқони зеринро, ки корҳои илмӣ-тадқиқиашон, ба ихтисоси 2.9. Бехатарии фаъолияти инсон ва ҳифзи муҳити зист (2.9.6. Экология) мувофиқат доранд ба ҳайси муқарризони расмӣ пешниҳод менамояд:

- **Тиллозода Ҳаким Иброгим** – доктори илмҳои техникӣ, дотсент, мудири сектори илмӣ-таҳқиқотии Филиали Агентии амнияти химиявӣ, биологӣ, радиатсионӣ ва ядроии Академияи миллии илмҳои Тоҷикистон дар вилияти Суғд;
- **Даниярова Фарзона Илҳомҷоновна** – номзади илмҳои техникӣ, дотсент, мудири кафедраи сайёҳӣ ва хизматрасонии Донишгоҳи славянии Русияву Тоҷикистон.

3. Ба сифати муассисаи пешбар **Донишгоҳи миллии Тоҷикистон** тавсия дода шавад.

4. Барои ҷойгир намудани эълон оид ба ҳимояи диссертатсия дар сомонаи Донишгоҳи техникии Тоҷикистон ба номи академик М.С. Осимӣ ва Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон розигӣ дода шавад.

5. Барои чопи автореферат бо ҳуқуқи дастнавис (100) ва ирсол намудани он ба суроғаҳои таъиншуда иҷозат дода шавад.

**Раиси комиссияи экспертӣ:**
доктори илмҳои физика – математика,
профессор, мудири лабораторияи физикаи
атмосфераи Институти физикаю техникаи
ба номи С.У. Умарови АМИТ Абдуллозода С.Ф.

*Имзои д.и.физ-мат. профессор Абдуллозода С.Ф. - ро тасдиқ менамоям*

*Мудири шуъбаи кадрҳои Институти физикаю техникаи*
*ба номи С.У. Умарови АМИТ Бахтибекова Г.О.*

**Аъзоёни комиссия:**

доктори илмҳои техникӣ, дотсент Саидализода А.С.

доктори фалсафа (PhD), дотсент Ҷурахонзода Р.Ҷ.

*Имзоҳои д.и.т., дотсент Саидализода А.С. ва доктори фалсафа (PhD), дотсент Ҷурахонзода Р.Ҷ. - ро тасдиқ менамоям*

*Сардори РК ва КМ Донишгоҳи техникии Тоҷикистон*
*ба номи академик М.С. Осимӣ Қодирзода Н.Ҳ.*